“Тасдиқ мекунам”
Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон
Ҷ. Нурмаҳмадзода

# ҚАРОРИ
## Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон

аз «1» апрели с. 2020 № 19 ш. Душанбе

Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи пайнавишти ҷаласаи ғайринавбатӣ аз 1 апрели соли 2020, №19

**қарор қабул кард:**

1) Меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, муваққатан то 31 декабри соли 2020, бо пули миллӣ дар сатҳи 1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ дар сатҳи 5 фоиз аз 1 апрели соли 2020 муқаррар карда шавад;
2) Бинобар ҷой доштани хавфи зиёди пардохтпазирӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар назди пасандозгузорон, амали мазкур барои бонкҳои муаммодор (ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") татбиқ карда нашавад;
3) Маблағи захиравӣ бо кадом асъоре, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон захира карда шудааст, бо ҳамон асъор ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ баргардонида шавад;
4) Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд ва Идораи бозори молиявӣ бо мақсади коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ, дар доираи Гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ барориши иловагии коғазҳои қимматнокро дар моҳи апрели соли ҷорӣ ва минбаъд низ ба роҳ монанд.